Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 152 (4572) | ДУШАНБЕ, 12 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## НОМАИ ШОДБОШӢ

**Дувоздаҳуми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Конфедератсияи Швейтсария муҳтарам Инятсио Кассис номаи шодбошӣ ирсол карданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Лутфан табрикоти самимии ин ҷонибро ба муносибати фаро расидани 30-юмин солгарди истиқрори робитаҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария бипазиред.

Боиси қаноатмандист, ки тайи давраи сипаришуда робитаҳои гуногунарсаи ҷонибҳо бомаром рушд ёфта, имрӯзҳо фарогири доираи васеи соҳаҳои гуногуни ҳамкориҳои судманду созанда мебошанд.

Тоҷикистон Швейтсарияро яке аз шарикони боэътимод дар самти Аврупо дониста, баояндаи муносибатҳои шарикии ҳар ду кишвар, ки дар марҳалаи рушди босубот қарор гирифтаанд, назари нек дорад.

Мо ҳамеша алоқаманди пешбурди самарабахши ин муносибот дар ҳама соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳастем ва омодаем, ки бо саъю талошҳои муштараки минбаъда ба раванди таҳкиму тавсеаи онҳо такони тоза бахшем.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб ба Шумо, ҷаноби Президент, сиҳатмандии комилу комёбиҳо, ба мардуми дӯсти Конфедератсияи Швейтсария сулҳу субот ва пешрафту шукуфоии рӯзафзун орзу менамоям».

**www.president.tj**

## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО КВОН ДОНГ СОК

**Ҳаштуми декабри соли равон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Квон Донг Сок мулоқот намуд.**



Зикр гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Ҷумҳурии Корея, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

- Рушди равобити Тоҷикистону Корея ба заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои дуҷониба асос ёфта, дар тӯли 30 соли равобити дипломатӣ миёни ниҳодҳои гуногуни ҳар ду кишвар 5 созишнома, 8 ёддошти ҳусни тафоҳум ва беш аз 40 созишномаву барномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ба имзо расидаанд, - иброз дошт Маҳмадтоир Зокирзода ва ёдовар шуд, ки байни парламентҳои кишварҳо гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарлумонӣ фаъолият менамояд. Боварӣ дорем, ки ҳамкории байнипарлумонӣ миёни ҳар ду кишвар дар оянда низ тақвият хоҳад ёфт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023

**Моддаи 1. Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 37072956 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ ва грантҳо 25356000 ҳазор сомонӣ, аз он:

а) воридоти андозӣ – 23082336 ҳазор сомонӣ;

б) воридоти ғайриандозӣ – 1686664 ҳазор сомонӣ;

в) грантҳо барои дастгирии буҷет аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ – 587000 ҳазор сомонӣ;

2) аз ҳисоби грантҳо ва қарзҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ – 9292145 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) қарзҳо – 3249019 ҳазор сомонӣ;

б) грантҳо – 6043126 ҳазор сомонӣ;

3) аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ – 2424811 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 2. Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ба маблағи 38103705 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла барои маблағгузории:

1) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 1661605 ҳазор сомонӣ;

2) мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ ва судҳо – 2944846 ҳазор сомонӣ;

3) маориф – 7210355 ҳазор сомонӣ;

4) тандурустӣ – 3343077 ҳазор сомонӣ;

5) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 4898631 ҳазор сомонӣ;

6) фарҳанг ва варзиш – 1494348 ҳазор сомонӣ;

7) хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал – 1696585 ҳазор сомонӣ;

8) комплекси сӯзишворию энергетикӣ – 5991355 ҳазор сомонӣ;

9) соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор – 1620739 ҳазор сомонӣ;

10) саноат ва сохтмон – 259782 ҳазор сомонӣ;

11) нақлиёт ва коммуникатсия – 2887352 ҳазор сомонӣ;

12) соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва хизматрасонӣ – 128526 ҳазор сомонӣ;

13) хароҷоти дигар – 3966504 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 3. Ҳаҷми умумии касри буҷети давлатӣ ва манбаъҳои пӯшонидани он**

1. Андозаи ниҳоии ҳаҷми умумии касри Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ба андозаи 0,8 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 1030749 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ ба таври зерин муайян карда шаванд:

1) аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ – 32000 ҳазор сомонӣ;

2) аз ҳисоби фоидаи соф ба ҳиссаи давлат дар ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва суди саҳмияҳои давлатӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ – 90000 ҳазор сомонӣ;

3) аз фурӯши векселҳо – 100000 ҳазор сомонӣ;

4) аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023 – 100000 ҳазор сомонӣ;

5) иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ – 124654 ҳазор сомонӣ;

6) аз ҳисоби маблағҳои грантию қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ – 520601 ҳазор сомонӣ;

7) сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ – 40000 ҳазор сомонӣ;

8) иҷрои барзиёди нақшаи даромад ва маблағи озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023 – 23494 ҳазор сомонӣ.

3. Маблағгузории пардохти қарзи асосии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 2347214 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷории буҷети ҷумҳуриявӣ 1349754 ҳазор сомонӣ ва баргардонидани қарзи асосӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои созишномаҳои зерқарзии соли 2023 ба маблағи 997460 ҳазор сомонӣ (ба истисноӣ ӯҳдадориҳои қарзи солҳои қаблӣ) аз ҳисоби ташкилотҳои зерин муқаррар карда мешавад:

1) Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» – 938500 ҳазор сомонӣ;

2) Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» – 15500 ҳазор сомонӣ;

3) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» – 7580 ҳазор сомонӣ;

4) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир энерҷӣ» – 11480 ҳазор сомонӣ;

5) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» – 24400 ҳазор сомонӣ.

4. Маблағгузории хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 700084 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 379684 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк» 320400 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

**Моддаи 4. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ**

Ҳаҷми умумии буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи даромад 14702108 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот 15709363 ҳазор сомонӣ ва касри он дар ҳаҷми 1007255 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 5. Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи манбаъҳои даромад**

Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 14702108 ҳазор сомонӣ аз рӯйи манбаъҳои зерин муқаррар карда шавад:

1) андоз аз арзиши иловашуда – 7894915 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) андоз аз арзиши иловашуда (дохилӣ) – 2269915 ҳазор сомонӣ;

б) андоз аз арзиши иловашуда (беруна) – 5625000 ҳазор сомонӣ;

2) аксизҳо – 807000 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) аксизҳо (дохилӣ) – 200000 ҳазор сомонӣ;

б) аксизҳо (беруна) – 607000 ҳазор сомонӣ;

3) андоз аз фурӯш – 45685 ҳазор сомонӣ;

4) андоз барои захираҳои табиӣ – 388134 ҳазор сомонӣ;

5) андоз аз даромад – 2390999 ҳазор сомонӣ;

6) боҷҳои гумрукӣ – 1030000 ҳазор сомонӣ;

7) даромадҳои дигари ғайриандозӣ – 1558375 ҳазор сомонӣ;

8) грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ – 587000 ҳазор сомонӣ.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**



## ВОХӮРИИ МАҲМАДАЛӢ ВАТАНЗОДА БО ГУЗОРИШГАРИ ВИЖАИ СММ ОИД БА ВАЗЪИ МУДОФЕОНИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Ҳаштуми декабри соли равон муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода бо гузоришгари вижаи СММ оид ба вазъи мудофеони ҳуқуқи инсон Мери Лолор, мушовири ӯ Брайан Дулей, мушовири ҳуқуқи инсони Раёсати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Орсолиа Тот, мушовири ҳуқуқи инсони Раёсати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Софи Хелле ва мушовири миллии ҳуқуқи инсони Раёсати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон Суҳроб Шоев мулоқот кард.**

Маҳмадалӣ Ватанзода гуфт, ки парлумони касбии мамлакат зиёда аз сад санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст, ки барои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши арзандаро иҷро мекунанд. Барномаҳои алоҳидаи давлатӣ ва ҳукуматӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқи инсон қабул гардида, ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки қариб ба ҳама санади универсиалӣ оид ба ҳуқуқи инсон имзо гузоштааст.

Ёдовар мешавем, ки Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи декабри соли 1993 тавассути Қатъномаи 48/141 Дафтари Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсонро таъсис дод. Ҳоло созмони мазкур дар дунё, аз ҷумла кишварҳои Буркина-Фасо, Камбоҷа, Чад, Колумбия, Гватемала, Гвинея, Гондурас, Либерия, Мавритания, Мексика, Нигер, Давлати Фаластин, Ҷумҳурии арабии Сурия (Бейрут), Судон, Тунис, Уганда ва Яман 19 намояндагӣ дорад.

## СУҲБАТИ РУСТАМ ЛАТИФЗОДА БО ТСЗИ ШУМИН

**Нуҳуми декабри соли равон раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин, раиси Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо парлумони Ҷумҳурии Халқии Хитой Рустам Латифзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой Тсзи Шумин мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот ҳамкорӣ байни парлумонҳои ҳар ду кишвар, хоса дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо табодули андеша сурат гирифт.



**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дувоздаҳуми декабри соли 2022 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он нахуст масъалаҳо «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи сармоягузорӣ ба бахши обтаъминкунӣ ва беҳдошти Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» ва «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Устувории шабакаи роҳҳо – маблағгузории иловагӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъди шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода ва оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, инчунин, бо баррасии масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкории иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоот дар шакли электронӣ вобаста ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти мақомоти корҳои дохилӣ», «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд», «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (Лоиҳаи такмили идоракунии захираҳои об ва обёрӣ дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» онҳоро барои пешниҳоди хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023

(Идома аз саҳ. 1)

**Моддаи 6. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ**

Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ дар ҳаҷми зерин тасдиқ карда шавад:

1) маблағгузории бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 962364 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) мақомоти иҷроия ва қонунгузорӣ – 199724 ҳазор сомонӣ;
б) сиёсати молиявӣ ва андозию буҷетӣ – 141055 ҳазор сомонӣ;
в) фаъолияти сиёсати берунӣ – 344596 ҳазор сомонӣ;
г) мақомоти дигари давлатӣ – 276989 ҳазор сомонӣ;
2) мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва прокуратура – 2534382 ҳазор сомонӣ;
3) маориф – 1412589 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) таҳсилоти умумӣ – 205101 ҳазор сомонӣ;
б) таҳсилоти касбӣ – 841797 ҳазор сомонӣ;
в) фаъолияти дигар дар соҳаи маориф – 365691 ҳазор сомонӣ;
4) тандурустӣ – 570579 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) беморхонаҳо – 268905 ҳазор сомонӣ;
б) марказҳои саломатӣ – 9892 ҳазор сомонӣ;
в) ҳифзи саломатии аҳолӣ – 73939 ҳазор сомонӣ;
г) фаъолияти дигар дар соҳаи тандурустӣ – 217843 ҳазор сомонӣ;
5) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 719333 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) суғуртаи иҷтимоӣ – 513530 ҳазор сомонӣ;
б) ҳифзи иҷтимоӣ – 83667 ҳазор сомонӣ;
в) фаъолияти дигар дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 122136 ҳазор сомонӣ;
6) фарҳанг ва варзиш – 561016 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш – 11436 ҳазор сомонӣ;
б) муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ – 132381 ҳазор сомонӣ;
в) воситаҳои ахбори омма – 229279 ҳазор сомонӣ;
г) фаъолияти дигар дар соҳаи фарҳанг ва варзиш - 187920 ҳазор сомонӣ;
7) хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал – 108302 ҳазор сомонӣ;
8) комплекси сӯзишворию энергетикӣ – 2595414 ҳазор сомонӣ;
9) кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор – 233281 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:
а) барои рушди соҳаи чорводорӣ – 1844 ҳазор сомонӣ;
б) барои чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди малах – 5150 ҳазор сомонӣ;
в) барои рушди муносибатҳои лизингӣ ва таъсиси мукаммал намудани марказҳои хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ – 30000 ҳазор сомонӣ;
г) барои чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ – 3500 ҳазор сомонӣ;
д) барои чорабиниҳои муҳофизати интегратсионии зироатҳои кишоварзӣ ва боғу токзор аз зараррасони касалиҳо – 2000 ҳазор сомонӣ;
е) барои рушди чарогоҳҳо – 615 ҳазор сомонӣ;
ё) барои рушди соҳаи харгӯшпарварӣ – 300 ҳазор сомонӣ;
ж) барои рушди соҳаи тухмипарварӣ – 1132 ҳазор сомонӣ;
з) барои рушди геодезия ва харитасозӣ – 8005 ҳазор сомонӣ;
и) барои азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда – 4595 ҳазор сомонӣ;
10) саноат ва сохтмон – 264769 ҳазор сомонӣ;
11) нақлиёт ва коммуникатсия – 219013 ҳазор сомонӣ;
12) фаъолияти дигари иқтисодӣ ва хизматрасонӣ – 129425 ҳазор сомонӣ;
13) хароҷоте, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудааст – 5398896 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии давлатӣ – 2771350 ҳазор сомонӣ,
аз он:
- амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии дохилии давлатӣ – 379684 ҳазор сомонӣ;
- амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии берунаи давлатӣ – 2391666 ҳазор сомонӣ;
б) хароҷоти шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани вазифаҳои пойтахт – 25000 ҳазор сомонӣ;
в) фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 123845 ҳазор сомонӣ;
г) хароҷоти дигаре, ки аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт гурӯҳбандӣ нашудааст – 2478701 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 7. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандиҳои идоравӣ ва барномавӣ**

2. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ тибқи замимаи 2 тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 8. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ**

Хароҷоти вазорату идораҳо, ташкилотҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар ҳаҷми 15709363 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) пардохти музди меҳнат – 3048479 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) музди меҳнати кормандони асосӣ – 2859557 ҳазор сомонӣ;
б) музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ – 188922 ҳазор сомонӣ;
2) маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ – 386706 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони асосӣ – 328193 ҳазор сомонӣ;
б) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ – 47209 ҳазор сомонӣ;
в) суғуртаи тиббӣ ва суғуртаҳои дигар – 11304 ҳазор сомонӣ;
3) хариди мол ва хизматрасонӣ – 3174797 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) пардохти хизматрасонии коммуналӣ – 227603 ҳазор сомонӣ;
б) пардохти хизматрасонии алоқа – 148794 ҳазор сомонӣ;
в) хариди мол ва хизматрасонии дигар – 2798400 ҳазор сомонӣ;
4) хизматрасонии қарзҳои дохилӣ ва беруна – 2771350 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳои қарзи дохилӣ – 379684 ҳазор сомонӣ;
б) пардохти қарзи берунаи асосӣ – 1349754 ҳазор сомонӣ;
в) пардохти фоизҳои қарзи берунаи асосӣ – 1041912 ҳазор сомонӣ;
5) хароҷоти пардохти кумакпулиҳо (субсидияҳо) – 142567 ҳазор сомонӣ;
6) хароҷот барои трансфертҳо – 1633755 ҳазор сомонӣ;
7) кумакпулиҳои иҷтимоӣ – 241118 ҳазор сомонӣ;
8) трансфертҳои дигар – 534383 ҳазор сомонӣ;
9) амалиёт бо дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармоягузорӣ – 3776208 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) маблағгузории асосии мутамарказ – 3478246 ҳазор сомонӣ;
б) хариди мошинҳо ва таҷҳизот – 160937 ҳазор сомонӣ;
в) дороиҳои ғайримолиявии дигар – 119800 ҳазор сомонӣ;
г) хариди дороиҳои молиявии дохилӣ – 17225 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 9. Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ба маблағи 495380 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 10. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷудошаванда**

1. Ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои пардохти фонди музди меҳнат ба маблағи 1479212 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла барои:

1) Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 259248 ҳазор сомонӣ;
2) вилояти Хатлон – 837591 ҳазор сомонӣ;
3) ноҳияи Варзоб – 18851 ҳазор сомонӣ;
4) ноҳияи Рашт – 63056 ҳазор сомонӣ;
5) ноҳияи Лахш – 43892 ҳазор сомонӣ;
6) ноҳияи Нуробод – 48766 ҳазор сомонӣ;
7) ноҳияи Рӯдакӣ – 63583 ҳазор сомонӣ;
8) ноҳияи Сангвор – 18156 ҳазор сомонӣ;
9) ноҳияи Тоҷикобод – 31051 ҳазор сомонӣ;
10) ноҳияи Файзобод – 54940 ҳазор сомонӣ;
11) ноҳияи Шаҳринав – 40078 ҳазор сомонӣ.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) ба фондҳои мақсадноки давлатӣ ба буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳар моҳ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба суратҳисоби алоҳидаи буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда шуда, хароҷоти он тавассути суратҳисоби мазкур анҷом дода шавад.

**Моддаи 11. Маблағҳои нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ**

Маблағҳои нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 ба маблағи 223239 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шаванд.

**Моддаи 12. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Ҳаҷми умумии буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯйи даромад, бо дарназардошти мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешавад, ба маблағи 9928104 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 9951598 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 23494 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 2439 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 16566 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб 371 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рашт 591 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Лахш 357 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Нурobод 365 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рӯдакӣ 1412 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Сангвор 200 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Тоҷикобод 242 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Файзобод 475 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 476 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

2. Касри буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2023 аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023 ва таъмини иҷрои барзиёди даромад пӯшонида мешавад.

3. Бақияи маблағҳои озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023 бо тарҳи маблағҳои азхуднашудаи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷети соли 2022 муайян ва тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 13. Таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

1. Дар соли 2023 ба буҷети ҷумҳуриявӣ даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии зерин ворид карда шаванд:

1) андоз аз фурӯши алюминийи аввалия – 100 фоиз;
2) боҷҳои гумрукӣ – 100 фоиз;
3) андоз аз арзиши иловашуда ва аксизи беруна – 100 фоиз;
4) дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва даромадҳои ғайриандозии умумидавлатӣ (бо дар назар доштани муҷозоти молиявӣ), хироҷ барои ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон – 100 фоиз;
5) аз Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» – андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, инчунин андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) – 100 фоиз;
6) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1» – андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) – 100 фоиз;
7) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» –андоз аз арзиши иловашуда – 100 фоиз;
8) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун» – андоз аз арзиши иловашуда ва андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) – 100 фоиз;
9) аз Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» – андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ – 100 фоиз;
10) аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» – андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ – 100 фоиз;
11) аз муассисаҳои давлатии марказ ва гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда – андоз аз даромади шахсони воқеӣ – 100 фоиз;
12) аз ширкатҳои алоқаи мобилӣ (ба истиснои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком») – андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз – 100 фоиз;
13) аз Бонки миллии Тоҷикистон – андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромад, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва фоидаи боқимондаи баъди тасдиқи ҳисоботи соли 2022 – 100 фоиз;
14) аз Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Тоҷикистону Америка «Корхонаи муштараки Анзоб», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳии саноатии Тоҷикистону Хитой», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Корхонаи муштараки «Зарафшон», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пакрут», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати металлургии Анзоб» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Талко Голд» - андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ – 50 фоиз;
15) пардохти бонуси обунавии яккаратаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз ҳисоби истихроҷи маъданиҳои фоиданок (ба ғайр аз канданиҳои фоиданоки маъмулӣ, обҳои зеризаминӣ ва лойи табобатӣ) – 100 фоиз;
16) аз ҳисоби андозҳо барои захираҳои табиӣ (рентаи содиротӣ) – 50 фоиз;

2. Ҳиссаҷудокунӣ аз андозҳои умумидавлатӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мегардад, дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯйи таносуб (фоизҳо)-и зерин тасдиқ карда шавад:

1) андоз аз арзиши иловашуда:
а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе ва Роғун) – 100 фоиз;
б) аз вилояти Суғд 51 фоиз ба буҷети вилоят ва 49 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
в) аз шаҳри Душанбе 50 фоиз ба буҷети шаҳр ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
г) аз шаҳри Роғун 50 фоиз ба буҷети шаҳр ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
2) андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ:
а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Роғун) – 100 фоиз;
б) аз вилояти Суғд 50 фоиз ба буҷети вилоят ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
в) аз шаҳри Роғун 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
3) андоз аз даромади шахсони воқеӣ:
а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва Роғун) – 100 фоиз;
б) аз вилояти Суғд 50 фоиз ба буҷети вилоят ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
в) аз шаҳри Душанбе 45 фоиз ба буҷети шаҳр ва 55 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
г) аз шаҳри Ваҳдат 70 фоиз ба буҷети шаҳр ва 30 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
д) аз шаҳри Роғун 79 фоиз ба буҷети шаҳр ва 21 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
4) аксизҳои дохилӣ ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз;
5) андозҳои маҳаллӣ, боҷи давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти ғайриандозии маҳаллии дигар ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз.

3. Гузаронидани маблағи як намуди андоз ба дигар намуди андоз берун аз таъинот, инчунин анҷом додани амалиёти пардохти андозҳои танзимшаванда ба буҷетҳои дахлдор бидуни гузаронидани амалиёт тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъиян манъ аст.

4. Воридот ва тақсимоти андозҳои танзимшаванда байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ қатъиян тавассути суратҳисобҳои танзимкунандаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

5. Новобаста аз тағйир ёфтани маҳали фаъолияти андозсупоранда, ҷиҳати иҷрои нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ, ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлатӣ ва чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ, пардохти ӯҳдадориҳои андозии чунин андозсупоранда то охири соли молиявӣ дар маҳали қаблан бақайдгирифташуда ё маҳали фаъолият анҷом дода шавад.

**Моддаи 14. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа**

1. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2023 аз рӯйи даромад ба маблағи 3987638 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба маблағи 3956840 ҳазор сомонӣ ва мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 30798 ҳазор сомонӣ ва хароҷот ба маблағи 3987638 ҳазор сомонӣ мувофиқи замимаи 3 тасдиқ карда шавад.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳолате ҷудо карда мешавад, агар даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа талаботи воқеии пардохти нафақа ва кумакпулиҳоро пурра таъмин карда натавонад.

3. Даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, хароҷоти он барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад, мувофиқи замимаи 4 тасдиқ карда шавад.

4. Ҳиссаҷудокуниҳо аз андози иҷтимоӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мешаванд, барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ аз рӯйи таносуб (фоизҳо)-и зерин тасдиқ карда шаванд:

1) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 100 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2) дар шаҳри Душанбе 34,0 фоиз ба суратҳисоби раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 66,0 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3) дар шаҳри Роғун 24,4 фоиз ба суратҳисоби шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 75,6 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои дигари тобеи ҷумҳурӣ 100 фоиз ба суратҳисоби раёсатҳо ва шуъбаҳои дахлдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 15. Муқаррароти андозию гумрукӣ ва имтиёзҳои алоҳида барои ташкилотҳо дар соли 2023**

1. Андоз аз арзиши иловашуда танҳо барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ), барои воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он, барои фурӯши равғани растанию боқимондаи коркарди он (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 10 фоиз муқаррар карда шавад. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки барои хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ), ҷиҳати таҳвил ва фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда, инчунин барои маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад. Муқаррароти мазкур ба имтиёзҳои пешбининамудаи сархати сенздаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 18) моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегардад.

2. Воридоти техника, воситаҳои нақлиёти махсус ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, автобусҳо, ки номгӯй ва миқдори онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети шаҳри Душанбе барои пурра намудани парки нақлиёти мусофиркашонӣ ва беҳтар гардонидани таъминоти соҳаи алоҳидаи шаҳри Душанбе харидорӣ мешаванд, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

3. Воридоти қувваи барқ ва гази табиӣ ба ҷумҳурӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда озод карда мешавад.

4. Корхонаи воҳиди давлатӣ «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе» ҳангоми фурӯши молҳои озуқаворӣ, инчунин воридоти маҳсулоте, ки номгӯйи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда озод карда мешавад.

5. Воридоти мазути камсулфур барои эҳтиёҷоти Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Маркази барқу гармидиҳӣ»-и шаҳри Душанбе, ки миқдори он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

6. Иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгар ва пудратчии асосии сохтмонҳои зерин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда озод карда мешаванд: меҳмонхонаи «Исмоили Сомонӣ», воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, сохтмони бинои бисёрфунксионалии маъмурӣ дар суроғаи хиёбони Исмоили Сомонии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, сохтмони Театри миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе.

7. Воридоти мол аз ҷониби фармоишгарон ва пудратчиёни асосии сохтмони иншооти дар қисми 6 моддаи мазкур пешбинишуда тибқи номгӯй ва дар ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

8. Ба ӯҳдадориҳои қарзии андозҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун», ки аз ҳисоби таҳвили қувваи барқ ба Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» ба вуҷуд омадаанд, фоизҳо тибқи моддаи 139 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҳисоб карда намешаванд.

9. Федератсияи футболи Тоҷикистон, воҳидҳои зертобеи он ва клубҳои футболи Тоҷикистон аз пардохти 50 фоизи меъёри муқарраршудаи андозҳо аз молу мулк, инчунин мураббиёну бозингароне, ки аз хориҷи кишвар барои рушди фаъолияти Федератсия ва клубҳои футбол ҷалб карда мешаванд, аз пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, воридоти молу масолеҳи варзишӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

10. Воридоти бланкҳои шиносномаҳои дорои ҳомили электронии иттилоот, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда ва аз боҷу хироҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

11. Воридоти тухмии зироатҳои кишоварзии дараҷаи суперэлита, элита ва репродуксияи якум, тухмии хушсифати кирмак барои пиллапарварӣ, гулу буттаҳои ороишӣ, дарахтони ороишӣ ва мевадиҳанда, чорвои зотӣ ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

12. Иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз тарафи намояндаи фармоишгар – консортсиуми «Tractebel Engineering S.A.» (филиали «Tractebel Engineering S.A.» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) оид ба сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун», ки тибқи шартномаи тарафайн амалӣ мешавад, аз пардохти андоз аз фоида ва андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда, инчунин иҷрои кор ва хизматрасонии зерпудратчиёни консортсиум аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда озод карда мешаванд.

14. Маҳсулоти озуқа, нуриҳои минералӣ, сӯзишвории дизелӣ ва бензин, ки аз ҷониби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули захираҳои давлатӣ дар соли 2023 тибқи номгӯй ва ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда, инчунин аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

**Моддаи 16. Ҳиссагузорӣ ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт аз ҳисоби иҷрои барзиёди даромади буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

Муқаррар карда шавад, ки дар соли 2023 аз ҳисоби иҷрои барзиёди нақшаи қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва буҷети тасдиқшудаи ҷумҳуриявӣ 30 фоиз баъд аз пӯшонидани касри буҷет ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт равона карда мешавад.

**Моддаи 17. Муқаррарот оид ба амонатгузории маблағи озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар бонкҳо**

Бо мақсади зиёд намудани даромади буҷет, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки ба ҳолати 1 январи соли 2023 ба вуҷуд меоянд, ҳамчун амонат бо фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи кӯтоҳмуҳлат дар давоми соли буҷетӣ ҷойгир карда мешаванд.

**Моддаи 18. Соҳаҳо ва моддаҳои ҳимояшавандаи буҷети давлатӣ**

1. Соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ соҳаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ мебошанд ва азнавтақсимкунии маблағҳо байни соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин ба соҳаҳои дигар қатъиян манъ аст.

2. Ба моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷоти буҷет музди меҳнат, маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, стипендия, нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ, маблағгузории сарикасӣ ва пардохти хизматрасонии коммуналӣ дохил карда шаванд.

3. Ҳангоми мавҷуд будани сарфа ва набудани қарз аз рӯйи моддаҳои дахлдори хароҷот Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии он ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо тартиби муқарраргардида ба нақшаи тасдиқшудаи моддаҳои хароҷот тағйироти дахлдор ворид намоянд.

**Моддаи 19. Пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва муқаррарот оид ба хароҷоти маблағҳои махсус**

1. Маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, ташкилотҳои аз ҳисоби буҷети дахлдор маблағгузоришаванда дар қисмати даромаду хароҷоти сметаҳои ягонаи онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳо пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдор ба андозаи зерин муқаррар карда мешаванд:

1) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 55 фоиз;
2) Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт - 40 фоиз;
3) муассисаҳои томактабӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 1 фоиз, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ, муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва дастгоҳи маркази вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 фоиз, муассисаҳои дигари соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва дастгоҳи маркази вазоратҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - 10 фоиз;
4) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дастгоҳҳои марказӣ ва мақомоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгоҳи маркази Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 15 фоиз;
5) ташкилотҳои дигари буҷетӣ – 20 фоиз;
6) аз маблағҳои грантӣ, сарпарастӣ, ҳиссаҷудокунии маблағҳои махсуси гирандагони маблағҳои буҷетӣ ба тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, кумакҳои молиявӣ, маблағҳои махсуси намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар, фонди иҷораи китобҳои дарсӣ, маблағҳои мақсадноки супоришӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъватии сафарбарӣ, маблағҳои аз ҳисоби хироҷ барои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ва Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти мазкур ситонида намешавад.

2. Пардохти ҳатмӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҳар семоҳа то санаи 15-уми баъди давраи ҳисоботӣ гузаронида мешавад.

3. Истифодаи маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, ба истиснои маблағҳои грантӣ ва сарпарастӣ, берун аз низоми хазинадорӣ қатъиян манъ аст. Дар ҳолати риоя нагардидани муқаррароти мазкур, маблағҳои ошкоргардида пурра ба даромади буҷети дахлдор ситонида мешаванд.

4. Дар сурати аз ҳаҷми солонаи маблағи дар буҷети давлатӣ тасдиқшуда кам ва ё зиёд ворид гардидани маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он ба сметаи даромад ва хароҷоти онҳо ва ба қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ тағйироти дахлдор ворид менамоянд.

5. Дар ҳолати иҷро нагардидани қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2023 ва норасоии маблағ барои маблағгузории хароҷоти пешбинишуда, аз ҷумла пардохти музди меҳнат, барои истифодаи қувваи барқ, об ва хизматрасонии дигари коммуналӣ, пардохтҳои номбаршударо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус амалӣ менамоянд.

6. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби додани сертификат ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби истифодабарии захираҳои рақамгузорӣ 60 фоизи маблағро ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт менамоянд. Боқимонда 40 фоизи воридоти маблағ ба суратҳисоби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мегардад. Маблағҳои боқимондаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри он мононда шуда, тартиби дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда нисбати он татбиқ намегардад.

7. Маблағҳое, ки аз ҳисоби хизматрасонии консулии (ба истиснои пардохт барои додани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маълумоти электронӣ мебошанд ва шиносномаҳои шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар ворид мегарданд, баъди пардохт мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба буҷети ҷумҳуриявӣ барои маблағгузории фаъолияти онҳо ва сохтмону таъмири биноҳои маъмурӣ равона карда мешаванд. Маблағҳои аз ҳисоби додани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маълумоти электронӣ мебошанд ва шиносномаҳои шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида пурра ба суратҳисоби андӯхтӣ гузаронида шуда, хароҷоти онҳо бо санади дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

8. Бақияи маблағҳои буҷетӣ ва махсуси намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳолати 1 январи соли 2023 ба вуҷуд меояд, дар ҳаҷми маблағгузории хароҷоти буҷети соли молиявӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

9. Дар ҳолати норасоии маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва намояндагиҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фарқияти он аз ҳисоби маблағҳои махсуси вазорату идораҳои дахлдор пӯшонида мешавад.

**Моддаи 20. Суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ**

1. Воридот ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ ба андозаи 5 фоиз муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллӣ;
2) аз ҳисоби маблағҳои махсуси:
а) муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ;
б) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
в) Хадамоти шиносномавӣ ва бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
г) ташкилотҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023

**(Идома аз саҳ. 1 - 2)**

д) дигар ташкилотҳои буҷетӣ, ба истиснои муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар.

2. Воридот аз ҳисоби маблағҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 10 фоиз муқаррар карда шавад.

3. Ворид намудани маблағҳо ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ бо тартиби муқарраргардида тибқи дастурамали аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида амалӣ карда мешавад.

4. Хароҷоти маблағҳо аз суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ бо фармоишҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 21. Имтиёзҳо барои хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти қудратӣ**

1. Имтиёзи рафтуомад ба маҳали гузаронидани рухсатӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки барои хизматчиёни онҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин имтиёз муқаррар гардидааст, танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар доираи маблағҳои пешбинигардида дар як сол як маротиба пардохт карда мешавад.

3. Пардохти ҷубронпулӣ дар сурати бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати казармавӣ гузаронидани хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, кормандони мақомоти дигаре, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амният иштирок мекунанд, дар доираи маблағи барои фонди музди меҳнат тибқи Қонуни мазкур дар сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷоти вазорату идораҳои дахлдор тасдиқшуда анҷом дода мешавад.

**Моддаи 22. Муқаррарот оид ба ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Аз 1 январи соли 2023 барои ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 фоизи маблағҳои умумии пинҳонкардашуда (кам нишондодашуда)-и андоз, фоиз ва ҷарима аз рӯйи онҳо, ба истиснои андози иҷтимоӣ, низомҳои махсуси андозбандӣ ва андозҳои маҳаллӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ ошкор гардидаанд, ҳар моҳ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30 фоизи маблағҳои хироҷи гумрукӣ ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд.

2. Маблағҳо аз ҳисоби даромадҳои андозӣ, ба истиснои андозҳо ва низомҳои махсуси дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, бо тартиби марказонидашуда 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ бо намудҳои андоз ворид карда шуда, ҳиссаи онҳо мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, барои маблағгузории тадбирҳои пешбинишуда истифода мешаванд. Тартиби дар моддаи 19 Қонуни мазкур пешбинигардида нисбат ба онҳо татбиқ намегардад.

3. Маблағҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, андозҳои маҳаллӣ ва низомҳои махсуси андозбандӣ ошкор гардидаанд, бо дар назар доштани фоиз ва ҷарима аз рӯйи онҳо, аз рӯйи таъиноташон пурра ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд.

**Моддаи 23. Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ҳадди ақали иҷорапулӣ барои молу мулк, ба истисноi молу мулки давлатӣ**

1. Аз 1 январи соли 2023 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, ба андозаи 68 сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Ҳадди ақали иҷорапулии як метри мураббаи объектҳои ғайриманқул дар як моҳ бо фоиз аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо дар назар доштани коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо, ки дар қисми 2 моддаи 348 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ба андозаи зерин муқаррар карда шавад:

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун биноҳо (ҳуҷраҳо)-и истиқоматӣ, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо истифода мешаванд – 20 фоиз;
- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешаванд – 30 фоиз;
- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намудҳои хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифода мешаванд – 60 фоиз;
- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият истифода мешаванд – 45 фоиз.

**Моддаи 24. Муқаррарот оид ба пардохти маблағ тибқи санадҳои судӣ ва ба буҷет ворид намудани ҷаримаҳо ва дигар пардохтҳо ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муқаррар карда шавад, ки иҷрои санадҳои судӣ дар бораи ҷуброни зарари моддию маънавии аз тарафи кормандони мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ расонидашуда аз ҳисоби маблағҳои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти онҳо амалӣ карда мешаванд.

2. Муқаррар карда шавад, ки маблағҳои аз ҳисоби татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла аз ҳисоби мусодираи молу мулк, ҷарима, пеня, ҷубронпулӣ воридшуда, инчунин ҷуброни зарари молиявии дар натиҷаи риоя накардани интизоми молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ расонидашуда, ба истиснои маблағҳое, ки аз вайронкунандагони қонунгузорӣ дар соҳаи заминсозӣ ситонида мешаванд, ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешаванд.

**Моддаи 25. Тасдиқи ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**

1. Ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 аз рӯйи даромад ба маблағи 30053803 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот ба маблағи 29221500 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии даромад нисбат ба хароҷот ба маблағи 832303 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

2. Хароҷоти воқеии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 барои уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосии беруна, бо дар назар доштани хизматрасонии он ба маблағи 2392782 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 26. Муқаррарот оид ба ворид намудани тағйирот ба Буҷети давлатӣ**

1. Дар ҳолати барзиёд ё кам иҷро гардидани қисми даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2023 мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бе тағйир додани ҳаҷми касри буҷет тағйирот ворид намояд.

2. Бо сабаби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот (кор ва хизматрасонӣ), сатҳи нархҳо, меъёри андоз, заминаи андозбандӣ, инчунин тағйирёбии сохтории ташкилотҳои буҷетӣ, ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи мақомоти давлатӣ бармеоянд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳои дахлдор тағйирот ворид намуда, бо тартиби муқарраргардида дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ ҳисоби байниҳамдигарӣ мегузаронад.

3. Мақомоти молия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе чунин ҳисобҳои байниҳамдигариро метавонанд байни буҷетҳои маҳаллии дахлдор амалӣ намоянд.

**Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2022, № 1916**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2024-2025**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» қабул карда шавад.

2. Дурнамои нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ барои:

- соли 2024 аз рӯи даромад ба маблағи 41148237 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 41860902 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 712665 ҳазор сомонӣ ё 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;
- соли 2025 аз рӯи даромад ба маблағи 43994725 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 44972191 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 977466 ҳазор сомонӣ ё 0,6 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муайян карда шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат қарорҳоеро, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи хароҷоти Буҷети давлатӣ барои солҳои 2023-2025 қабул намояд. Ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт нишондиҳандаҳои Буҷети давлатиро барои солҳои 2025-2026 аниқ намояд.

4. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ назорати иҷрои буҷетро ба роҳ монда, истифодаи мақсадноку самарабахши маблағҳои буҷетиро аз ҷониби маблағгирандагон таҳлил ва ҳангоми зарурат натиҷаи таҳлилро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҳаҷми умумии Буҷети давлатии муқарраршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 37072956 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми умумии хароҷотро ба маблағи 38103705 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии хароҷот нисбат ба манбаъҳои маблағгузорӣ 1030749 ҳазор сомонӣ барои иҷро қабул намояд;
- маблағгузории чорабиниҳои дар буҷет пешбинишударо дар доираи маблағҳои тасдиқшуда мутаносибан баробари даромади воқеӣ таъмин намояд;
- бо мақсади кам кардани бақияпулӣ аз рӯи пардохти андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоии солҳои гузашта, бо назардошти зарурати ихтисор кардани қарзи муассисаҳои буҷетӣ аз корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки то 1 январи соли 2023 ба вуҷуд омадааст, инчунин қарзи ташкилотҳои буҷетӣ аз рӯи андозҳо, бо тартиби муқарраргардида бе тағйир додани иҷрои воқеии даромад ва хароҷоти буҷет ҳисоббаробаркуниро байни онҳо гузаронад;
- оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ҳар се моҳ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд;
- дар бораи истифодаи маблағҳои Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисод ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод намояд;
- тавассути воситаҳои ахбори омма ҳар се моҳ аз рафти иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 маълумот диҳад.

6. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки пӯшонидани касри буҷети ҷумҳуриявиро ба маблағи 100000 ҳазор сомонӣ бо роҳи бароришi векселҳои давлатии хазинадорӣ, инчунин ҷалби грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ намояд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон:

- якҷоя бо Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» сари вақт ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ гузарондани андозу даромадҳоро таъмин намояд;
- аз рӯи амалиёти вобаста ба хизматрасонии уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати агенти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, иҷрои ҳисобу китоб ва пардохтҳоро оид ба уҳдадориҳои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;
- бо мақсади сари вақт иҷро кардани пардохтҳои асъории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 мубодилаи маблағҳои буҷетиро ба асъори хориҷӣ мувофиқи дархости Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи қурби расмии асъор таъмин намояд;
- барои тамдид намудани муҳлати пардохти қарзи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то оғози соли навбатии молиявӣ шартномаи дахлдорро ба имзо расонад.

8. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1-уми декабри соли 2022, № 920**

**Шашуми декабри соли равон дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе дар мавзӯи «Беҳтар намудани нақш ва мақом, ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷамъомад доир гардид.**




# БАРРАСИИ МАСОИЛИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҲАМОИШ БО ИШТИРОКИ ВАКИЛОНИ ПАРЛУМОН

Дилрабо Мансурӣ иброз намуд, ки вакилони парлумон ҳамкориро бо Дафтари САҲА дар Душанбе қадр мекунанд, ки ба шарофати он имкони шиносоӣ, табодули таҷриба ва иштирок дар вохӯриҳои минтақавӣ ва байниминтақавӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин такмили меъёрҳои қонунгузорӣ дар масъалаҳои гендерӣ вусъат ёфтанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар татбиқи сиёсати самарабахши гендерӣ иродаи қавӣ зоҳир карданд, ки ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар мамлакат нигаронида шудааст.

Бо дарназардошти вижагиҳои ҷомеаи мо роҳбарияти кишвар тадбирҳои мушаххаси институтсионалиро таҳия кардаанд, ки ба ташаккул ва таҳкими қонунгузории миллӣ, иҷрои уҳдадориҳое, ки аз санадҳои байналмилалӣ бармеоянд, алоқамананданд.

Дилрабо Мансурӣ, ҳамчунин, таъкид кард, ки «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва «Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул гардид. Нақшаи миллии чорабиниҳои мазкур тадбирҳо оид ба гузаронидани экспертизаи гендерии қонунгузорӣ, ташаккули захираи кадрҳоро барои пешбарӣ ба сохторҳои идоракунӣ аз рӯи гендер пешбинӣ менамояд.

Зикр гардид, ки барои тарбия ва пешбарӣ кардани занони роҳбар «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тотористон аз ҳисоби занону духтарони қобилиятнок барои солҳои 2017-2022» таҳия гардида, мавриди амал қарор дорад. «Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» ва «Барномаи давлатии тайёр кардани занони мутахассис ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2017-2022» низ қабул шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардону занон ва имкониятҳои баробари татбиқи онҳо» ҳуҷҷати муҳим дар такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарии мардону занон дар соҳаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ гардид.

Барои беҳтар кардани дастрасии занон ба захираҳои иқтисодӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025» ба тасвиб расидааст. Инчунин, дар кишвар даҳҳо қонун, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва конвенсияҳо қабул шудаанд, ки пурра ба масъалаҳои гендерӣ, занону духтарон, ҳамоҳангсозии чорабиниҳо оид ба ҷорӣ намудани принсипҳои гендерӣ ба қонунгузории ҷумҳурӣ бахшида шудаанд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагон роҷеъ ба ҳамкориҳои байнипарлумонӣ изҳори назар карда афзуд, ки ҳамкории байнипарлумонӣ феълан яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мо барои табодули таҷриба бо парлумонҳои дигар кишварҳо ва шарикони байналмилалӣ робитаҳои бисёрҷониба барқарор мекунем ва инчунин, дар татбиқи ҳадафҳоямон саҳм мегузорем, - афзуд Дилрабо Мансурӣ.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ДАР БОРАИ МАСУНИЯТИ ЮРИСДИКСИОНИИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ ВА МОЛИКИЯТИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИС:** -Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем.

Сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**



**-Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо мақсади дастгирии давлатии авиатсияи гражданӣ, солимгардонии вазъи корхонаҳои соҳаи мазкур, инчунин мутобиқ кардани муқаррароти моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар таҳия карда шудааст, пешниҳод гардидааст.

Дар раванди таҳияи он муқаррароти «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба назар гирифта шудааст. Тибқи санадҳои мазкур, рушди нақлиёти ҳавоӣ ва васеъ кардани паркҳои ҳавопаймоӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ дар онҳо, инчунин тақвият бахшидани фаъолияти ширкатҳои миллии ҳавопаймоӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд кардани хатсайрҳои ҳавоӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ муайян шудааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда, даромадҳои ғайрирезидент аз лизинги амалиётӣ (иҷора) барои киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) ва муҳаррикҳо, хизматрасонӣ ва таъмири киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) аз пардохти андози даромад, инчунин воридоти сӯзишворию моеъҳои кимиёвӣ ва равғанҳои молиданӣ барои киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол) бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ, ҳамзамон, воридоти киштиҳои ҳавоӣ (ҳавопаймо, чархбол), муҳаррикҳо бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ ва хизматрасониҳои лизинги амалиётӣ (иҷора)-и ширкатҳои ғайрирезидентӣ ба ширкати ватании ҳавопаймоӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

Муҳлати татбиқи имтиёзҳои зикршуда панҷ сол, яъне то соли 2027, пешбинӣ мегардад.

Дар лоиҳа, инчунин ба қисми 12 моддаи 21 Кодекси андоз бо дарназардошти мафҳуми гуногун доштани калимаҳои «молу мулк» ва бо тартиби алоҳида ба иҷора дода шудани объектҳои ғайриманқули давлатӣ калимаҳои «молу мулки давлатӣ» ба калимаҳои «объектҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба иҷора дода мешаванд» иваз карда шудааст.

Ҳадаф аз тағйироти мазкур муқаррар кардани ҳадди ақали маблағи иҷора барои объектҳои ғайриманқул ва замин, дуруст муайян кардани манбаъҳои андозбандишаванда мебошад.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур барои иҷрои ҳадафҳои дар стратегия ва барномаҳои давлатӣ, вобаста ба рушди соҳаи авиатсияи гражданӣ пешбинишуда, инчунин аз байн бурдани ихтилофи назар дар татбиқи Кодекси андоз, мусоидат менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба нуктаҳои қайдгардида, аз Шумо, муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода дода мешавад.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**

**-Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ супорида шуд.

Бо назардошти вазъи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамлу нақли ҳавопаймоӣ, пеш аз ҳама, ҳамлу нақли ҳавопаймоии байналмилалӣ дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Самтҳои асосии нақлиёти ҳавоӣ дар стратегия ва барномаҳои давлатӣ низ мушаххас пешбинӣ шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки хароҷоти бахши нақлиёт, аз ҷумла нақлиёти ҳавоӣ, қисми зиёди хароҷоти соҳаи сайёҳиро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, афзоиши миқдори ҳар чӣ бештари парки ҳавопаймоҳои ширкатҳои ватанӣ, кушодани хатсайрҳои нав барои пайваст кардани Тоҷикистон бо мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва минтақаи уқёнуси Ором бе дастгирии фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ имконнопазир арзёбӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки номукаммалии хизматрасонӣ дар хатсайрҳои ҳавоии мавҷуда, кам будани шумораи ҳавопаймоҳо, гарон будани арзиши чиптаҳо барои рушди сайёҳӣ таъсири манфӣ расонида истодааст.

Қабули лоиҳаи қонуни зикршуда барои баланд бардоштани устувории хатсайрҳои ҳавопаймоӣ, идоракунии беҳтари паркҳои ҳавопаймоӣ, зиёд шудани интихоби хатсайрҳои ҳавопаймоӣ аз ҷониби мусофирон, коҳиши арзиши хизматҳо ва чиптаҳои ҳавопаймоӣ, ҳамчунин аз байн бурдани ихтилофи назар дар татбиқи муқаррароти Кодекси андоз, мусоидат менамояд.



Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон ҷонибдорӣ карданд ва аз ҷониби Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон як таклиф пешниҳод гардид, ки он ба назар гирифта шуд.

Лоиҳаи қонун дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи дигари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст? Нест?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412899 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ноутбук, принтер, техникаи маишӣ, телевизор, камераи назоратӣ, видеорегистратор, ноқил ва курсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 17.12.2022 16:00:00 |
| 2 | 412905 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Автомашинаи сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.12.2022 08:40:00 |
| 3 | 412894 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 28.12.2022 15:10:00 |
| 4 | 412895 | Ташкилоти динии «Масҷиди ҷомеи марказӣ»-и шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, сантехникӣ, ниҳоли гул, нуриҳои минералӣ, тухмии алаф, хоки сиёҳ, либоси махсуси корӣ, пойафзол, флеши хотира (флеш - память), мошини даравидани алаф (бензинӣ), герметик, чароғи дастӣ, муши компютерӣ, лента, ширеш, лавозимоти кафшерӣ ва матои махсус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 87 | 28.12.2022 15:20:00 |
| 5 | 412898 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Компютери фардӣ, кондитсионер, монитор, дастгоҳи бисёрфунксионалӣ, принтер, дарзмол ва телевизор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 28.12.2022 15:40:00 |
| 6 | 412896 | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Шинаҳои автомобилӣ, LED - экран, асбобҳои дастӣ, молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, асбобҳои санитарӣ, зарф, асбобҳои маишӣ, камераҳои назоратӣ, моноблок ва дастгоҳи бисёрфунксионалӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 186 | 28.12.2022 16:00:00 |
| 7 | 412897 | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | Мебел, парда, стенд, молҳои канселярӣ, курсиҳои корӣ, асбобҳои дастӣ, молҳои варзишии электрикӣ, сӯхторхомӯшкунӣ ва таҷҳизоти офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 128 | 28.12.2022 16:00:00 |
| 8 | 412903 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббӣ - судӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Реагент ва молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 28.12.2022 16:30:00 |
| 9 | 412904 | Маркази стоматологии шаҳри Турсунзода | Курсии дандонпизишкӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.12.2022 16:40:00 |
| 10 | 412907 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 29.12.2022 08:55:00 |
| 11 | 412906 | Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 29.12.2022 09:05:00 |
| 12 | 412910 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» | Гулҳои мавсимӣ, заҳрхимикат ва нуриҳои маъданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 29.12.2022 09:05:05 |
| 13 | 412911 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таърихӣ - фарҳангии «Истиқлол» | Гулҳои мавсимӣ ва нассоси фаввора | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 29.12.2022 09:25:25 |
| 14 | 412909 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Масолеҳи сохтмонӣ, электрикӣ, хоҷагидорӣ, қисмҳои эҳтиётии моторолла ва таҷҳизоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 67 | 29.12.2022 10:00:00 |
| 15 | 412912 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ - техникии №11»-и ноҳияи Шаҳринав | Таъмири бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.12.2022 10:00:00 |
| 16 | 412913 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и ноҳияи Ёвон | Техникаи маишӣ, қолин, техникаи идоравӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 29.12.2022 10:35:55 |
| 17 | 412916 | Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит | Моноблок | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.12.2022 11:20:13 |
| 18 | 412917 | Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам - Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит | Дастгоҳи бисёрфунксионалӣ, барномаи зиддивирусӣ, маҷмӯи таҷҳизоти системаи камераҳои назоратӣ ва таҷҳизоти студиявӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 29.12.2022 11:30:24 |
| 19 | 412918 | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, сохтмонӣ, варзишӣ ва барномаи зиддивирусӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 54 | 29.12.2022 11:45:24 |
| 20 | 412915 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 29.12.2022 13:00:13 |
| 21 | 412921 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои МТМУ №50 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.12.2022 13:50:00 |
| 22 | 412868 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Молу маводи канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 70 | 29.12.2022 14:00:00 |
| 23 | 412922 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ» | Корҳои лоиҳакашии сохтмони Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 29.12.2022 14:00:00 |
| 24 | 412919 | Кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа | Масолеҳи сохтмонӣ, қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ ва шина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 29.12.2022 15:00:00 |
| 25 | 412902 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хоруғ | Лоиҳаи сохтмони майдончаи варзишӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 29.12.2022 16:00:00 |
| 26 | 412914 | Бонки миллии Тоҷикистон | Маводи сохтмонӣ, лавозимоти барқӣ ва сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 93 | 30.12.2022 10:00:32 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНӢ

## БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

- сармутахассис дар минтақаи Кӯлоб - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ;
- сармутахассис дар минтақаи Бохтар - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ;
- сармутахассис дар гурӯҳи санҷишӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ;
- сармутахассис дар шуъбаи нозирон - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ;
- мутахассиси пешбар дар минтақаи Бохтар - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ;
- мутахассиси пешбар дар минтақаи ВМКБ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1228,40 сомонӣ;
- мутахассис дар минтақаи НТҶ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассис дар минтақаи Рашт - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассис дар минтақаи Суғд - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 086 УЕ;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- нусхаи шиноснома;
-нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:**

ш.Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода - 34, бахши кадрҳо ва ҳуқуқ, телефон 223-06-16.

Ҳуҷҷатҳои довталабон баъди нашри эълон дар давоми 21 рӯз қабул карда мешавад.

**Эзоҳ:** Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ ҳар моҳ ба андозаи муқарраргардида пардохт карда мешавад.

# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

**1. Сардори Раёсати котибот.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 3300 сомонӣ;

**2. Сардори Раёсати таҳлил.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 3300 сомонӣ;

**3. Муовини сардори Раёсати ҳуқуқ.** Талаботи тахассусӣ - олии ҳуқуқшиносӣ ва дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 2711 сомонӣ;

**4. Муовини сардори Раёсати сармоягузории давлатӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 2711 сомонӣ;

**5. Муовини сардори Раёсати сармоягузории мустақим.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 2711 сомонӣ;

**6. Сардори шуъбаи ҳамкориҳои хориҷӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 2220 сомонӣ;

**7. Сардори шуъбаи назорат.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 2220 сомонӣ;

**8. Сардори шуъбаи ташкили тендерҳои сармоягузорӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 2220 сомонӣ;

**9. Сардори шуъбаи танзими иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳии Раёсати танзими низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 2220 сомонӣ;

**10. Сармутахассиси шуъбаи назорат.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ маоши мансабӣ – 1660 сомонӣ;

**11. Сармутахассиси Раёсати таҳлил.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1660 сомонӣ;

**12. Сармутахассиси Раёсати сармоягузории давлатӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1660 сомонӣ;

**13. Сармутахассиси шуъбаи ташкили тендерҳои сармоягузорӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1660 сомонӣ;

**14. Сармутахассиси шуъбаи хусусигардонӣ ва дороиҳои давлатӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1660 сомонӣ;

**15. Сармутахассиси Раёсати дастгирии соҳибкорӣ (2 воҳиди корӣ).** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1660 сомонӣ;

**16. Сармутахассиси шуъбаи танзими иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳии Раёсати танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1660 сомонӣ;

**17. Сармутахассиси Раёсати ҳуқуқ (3 воҳиди корӣ).** Талаботи тахассусӣ - олии ҳуқуқшиносӣ ва дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ;

**18. Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1352 сомонӣ;

**19. Мутахассиси пешбари шуъбаи умумӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, педагогӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1352 сомонӣ;

**20. Мутахассиси пешбари Раёсати таҳлил.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1352 сомонӣ;

**21. Мутахассиси пешбари Раёсати сармоягузории давлатӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1352 сомонӣ;

**22. Мутахассиси пешбари Раёсати сармоягузории мустақим.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ - 1352 сомонӣ;

**23. Мутахассиси пешбари шуъбаи ташкили тендерҳои сармоягузорӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1352 сомонӣ;

**24. Мутахассиси пешбари Раёсати моликияти давлатӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1352 сомонӣ;

**25. Мутахассиси пешбари шуъбаи танзими иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳии Раёсати танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ - 1352 -сомонӣ;

**26. Мутахассиси шуъбаи ҳамкориҳои хориҷӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1112 сомонӣ;

**27. Мутахассиси Раёсати таҳлил.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1112 сомонӣ;

**28. Мутахассиси Раёсати дастгирии соҳибкорӣ.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1112 сомонӣ;

**29. Мутахассиси шуъбаи мониторинги санҷишҳои Раёсати танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо.** Талаботи тахассусӣ - олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, маоши мансабӣ – 1112 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони раиси Кумита;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- 4 дона сурат (2 дона 4х6, 2 дона 3х4);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- нусхаи шиноснома;
- нусҳаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- нусхаи СИН;
- маълумотномаи доғи судӣ надоштан;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 038;
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- нусхаи дафтарчаи ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома (объективка) аз ҷои кор.

Барои ишғоли мансабҳои сардори Раёсат 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, муовини сардори Раёсат 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, сардори шуъба 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, сармутахассис 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, мутахассиси пешбар 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ муқаррар карда шудааст.

Малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва барои ишғоли мансабҳои соҳаи сармоягузорӣ донистани забони хориҷӣ ҳатмист.

**Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо** - 21 рӯз аз рӯзи нашри эълон.

Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур - 27, шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуҷраҳои 49, 50).

Телефонҳо барои тамос: 221-73-36, 221-47-68

**Маълумоти мукаммал дар сомонаи расмии кумита www.investcom.tj ҷойгир карда шудааст.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 ба Носиров Умед Раҳматуллоевич (РМА 095619793, РЯМ 0430295076) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Қубодиён, ҳавлии №116 ба Раупов Махмадҷон Бегиҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Шайдуллоев Сайфуддин Аскарович (РМА 195222210, РЯМ 0430250260) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи ДШ № 1063170-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 3-юми июни соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, ҳавлии №363 ба Раҳимова Баргигул Носировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии тахти реестри 291-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Путовский (ҳоло Исмоили Сомонӣ), бинои 61, квартираи 38 ба Шарифова Оламбӣ Додарбеговна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартнома оид ба ҳуқуқи моликияти супоридани квартираи силсилаи ДШ №1372705-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20-уми майи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 79/5, квартираи 3 ба Фазилова Фарангис Саидасламовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии ҷудогонаи №078611-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 79/5, квартираи 3 ба Шерова Салима додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0264904-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20-уми феврали соли 2014 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Маркази ташхисӣ ва муолиҷавии КАНЗ – 2014» (РЯМ 0110019287, РМА 010094108) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 12-уми июни соли 2019 ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Испечак, хонаи 61/4 ба Саъдуллоев Нарзулло Ибодович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми №1409927-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 35-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2022 ба Тошев Худойназар Рустамҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи мағоза, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шаҳритус соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Шаҳритус, ҷамоати деҳоти Обшорон байни Сайфиддинов Тошмаҳмад Зарипович ва Асадуллоева Салима Нуруллоевна бастааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 01021361-и гумшуда, ки онро ШВКД-ии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 20-уми июли соли 2017 ба Аслонова Зулфира Анваровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии силсилаи АА №0820643-и гумшуда, ки онро ШБИ БДА ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми ноябри соли 2019 ба Аслонова Зулфира Анваровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи ҳавлии истиқоматии силсилаи НТ №0102993- и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 29-уми сентябри соли 2007 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, совхози Эфиронос, кӯчаи Ленин, ҳавлии 60/1 ба Остонаев Лутфулло Субханович додааст, эътибор надорад.

✓ Патент бо РЯМ 0430335419, РМА 096083372-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20-уми июни соли 2022 ба Каримова Шукрона Ҳамзаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФБ ММҒМ-и ноҳияи Рӯдакӣ моҳи январи соли 1999 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, қитъаи Навбунёд 5, хонаи 118 ба Ҳасанов Джурабек додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Фонди ҷамъиятии «Маркази инноватсионӣ ва таҷрибаомӯзии ҷавонон», (РЯМ 0110025135, РМА 010101224), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0281434 буда, дар Бахши бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 2-юми декабри соли 2019 ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Кумитаи волидайн ва омӯзгорони мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №62»-и шаҳри Душанбе (РМА 020024907), ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами қайди ИҶ 239 18-уми октябри соли 2007 (Шаҳодатномаи силсилаи ВА № 0011198) ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Аҳли кормандони Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» ба директори КФ КВД «Почтаи тоҷик»-и ВМКБ Фарида Мирлангарова бинобар вафоти ПАДАРАШ изҳори ҳамдардӣ намуда, ба аҳли хонаводаи марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва маталиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР *АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17. **МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 12 декабри соли 2022, соати 16:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33390 нусха*

Навбатдори шумора Б. Каримзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров